# Амалҳои Расулон 1



Published by the Comic Bible Society, LLC
Copyright © 2021

Kingstone Comics maintains copyright to this comic book as provided by United States copyright law.

Print and digital copies of this version may be freely distributed without penalty under a Creative Commons license.



ТЕОФИЛУСИ МУҲТАРАМ, ДАР КИТОБИ ГУЗАШТА МАН ДАР БОРАИ ҲАР ОН ЧИ ИСО БА АМАЛ ОВАРД ВА ТАЪЛИМ ДОД, АЗ ИБТИДО ТО ҲАМОН РӮЗЕ КИ БА ОСМОН БУРДА ШУД, ТАСВИР НАМУДАМ.
«ИСО БА ВОСИТАИ РӮҲУЛҚУДС БА РАСУЛОНИ ИНТИХОБШУДАИ ХУД ДАСТУРҲО ДОД».
«ПАС АЗ ОН КИ ИСО АЗ МУРДАГОН ЭҲЁ ШУД, Ӯ БА ИН ОДАМОН ЗОҲИР ШУД ВА БИСЁР ДАЛЕЛҲОИ БОВАРИБАХШИ ЗИНДА БУДАНИ ХУДРО ПЕШКАШ НАМУД».
«ДАР ИН МУДДАТ ӮРО ЗИЁДА АЗ 500 КАС ДИДАНД».
«Ӯ ҲАМЧУНИН БА ОНҲО ФАРМОНИ ВОЗЕҲУ РАВШАН ДОД...»
УРШАЛИМРО ТАРК НАКУНЕД, БАЛКИ МУНТАЗИРИ ОН ВАЪДАИ ПАДАР БОШЕД, КИ АЗ МАН ШУНИДАЕД.
ЯҲЁ БО ОБ ТАЪМИД МЕДОД, ЛЕКИН ШУМО ПАС АЗ ЧАНД РӮЗ БО РӮҲУЛҚУДС ТАЪМИД МЕГИРЕД.


ВА РАСУЛОН АЗ Ӯ МЕПУРСИДАНД...
ОЁ ДАР ҲАМИН ВАҚТ ПОДШОҲИРО БАР ИСРОИЛ АЗ НАВ БАРПО МЕКУНӢ?
«АММО ОНҲО ҲАНӮЗ НАҚШАИ БУЗУРГИ ХУДОВАНДРО НАМЕФАҲМИДАНД...»
КОРИ ШУМО НЕСТ, КИ ЗАМОНҲО ВА МӮҲЛАТҲОЕРО, КИ ПАДАР БО ҚУДРАТИ ХУД МУҚАРРАР НАМУДААСТ, ДОНЕД.
АММО ВАҚТЕ КИ РӮҲУЛҚУДС БАР ШУМО ФУРУД ОЯД, ҚУВВАТ МЕЁБЕД ВА ДАР УРШАЛИМ ВА ДАР ТАМОМИ ЯҲУДИЯ ВА СОМАРА ВА ТО КАНОРИ ҶАҲОН ШОҲИДОНИ МАН МЕШАВЕД.
«ҲАМИН КИ ИН ФАРМУДАҲОРО БА ПАЙРАВОНАШ ДОД, БА ОСМОН БУРДА ШУД».
АММО ФАРМУДАҲОИ ОХИРИНИ ӮРО БА ПАЙРАВОНАШ ФАРИШТА РАСОНД...
ЧАРО ИН ҶО ИСТОДА, СӮИ ОСМОН МЕНИГАРЕД?
ҲАМИН ИСО, КИ БА ОСМОН БОЛО БУРДА ШУД, ЧУНОН КИ ӮРО СӮИ ОСМОН РАВОНА ДИДЕД, ОНЧУНОН БАРМЕГАРДАД.




АМАЛҲО 1:12-19


ДАР КИТОБИ ЗАБУР ГУФТА ШУДААСТ, КИ ХОНАИ Ӯ ХОЛӢ ГУЗОШТА МЕШАВАД...
...ВА ҶОИ ӮРО ДИГАРЕ МЕГИРАД.
МО БОЯД КАСЕРО ИНТИХОБ НАМОЕМ, КИ АЗ АВВАЛ ДАР ИН ҶО БУД...
МАН ЮСУФРО ПЕШНИҲОД МЕКУНАМ – Ӯ ШОҲИДИ ЭҲЁ БУД.
ҲА, ВА Ӯ ОДАМИ ХУБ АСТ.
АММО МАН МАТТОРО ТАВСИЯ МЕДИҲАМ. Ӯ ПУР АЗ ИМОН ВА РӮҲИ ХУДО АСТ.




АМАЛҲО 1:24-26


«ҲАНГОМИ ИДИ ПАНТИКОСТ (АНҶОМ ЁФТАНИ ДАРАВ), ШОГИРДОН БО ҲАМ ҶАМЪ ШУДАНД».
«АЗ ОСМОН ТУНДБОД ФУРУД ОМАД ВА ХОНАЕРО, КИ ОНҲО ДАР ОН БУДАНД, ПУР КАРД – ВА ЗАБОНАҲОИ ОТАШ БАР ҲАР ЯКЕ АЗ ОНҲО НИШАСТАНД».
«ЯҲУДИЁНИ ХУДОТАРС СУХАНОНИ РАСУЛОНРО ШУНИДА, БА ИН ҶОЙ ДАВИДА ОМАДАНД».
Ӯ БА ЗАБОНИ МАН – ЗАБОНИ МОДӢ – ГАП МЕЗАНАД ВА МЕГӮЯД, КИ НАҶОТ ДАР ОН ШАХС, ДАР ИСО АСТ.
МАН ШЕВАИ ФРИҶИЯГИРО МЕШУНАВАМ, – ДАР БОРАИ ОН КИ ХУДО ГУНОҲҲОИ МАРО БАХШИДА МЕТАВОНАД.
МАН БА ЗАБОНИ ЗОДГОҲИ ХУД, ЭЛОМ, ДАР БОРАИ МУЪҶИЗАҲОИ ХУДОВАНД МЕШУНАВАМ!


«ҲАР ЯКЕ АЗ ҲОЗИРОН БА ЗАБОНИ ДИГАР, КИ РӮҲУЛҚУДС БА Ӯ АТО КАРД, ГАП ЗАД».
ОНҲО МАЙ ХӮРДА, МАСТ ШУДААНД!
ҲА... ЭҲТИМОЛ ИН ҶАВОНОН ДАР ИН ИД БЕҲАД БИСЁР МАЙ НӮШИДААНД.


«ОН ГОҲ ПЕТРУСИ МОҲИГИР БАРХЕСТ, ТО СУХАН ГӮЯД. ИН ШАХС ДИГАРГУН ШУД».
«СУХАНОНЕ КИ Ӯ ОН РӮЗ ГУФТ, ДОРОИ ҚУДРАТ БУДАНД...»
ИНҲО МАСТ НЕСТАНД, ЧУНОН КИ ШУМО ГУМОН МЕКУНЕД, ЗЕРО ҲОЛО СОАТ НӮҲИ САҲАР АСТ!
ИН ҲАМОН ЧИЗ АСТ, КИ ЮИЛИ ПАЙҒАМБАР ГУФТААСТ – ХУДОВАНД ДАР РӮЗҲОИ ОХИР РӮҲИ ХУДРО МЕРЕЗАД.


ВА ДАР БОЛО ДАР ОСМОНҲО ВА ДАР ПОЁН ДАР ЗАМИН АЛОМАТҲО ХОҲАНД БУД.
ВА ҲАР КАСЕ КИ НОМИ ӮРО ХОНАД, НАҶОТ МЕЁБАД.
БИГУЗОР ТАМОМИ ИСРОИЛ ДОНАД – ХУДО ҲАМИН ИСОРО, КИ ШУМО БА САЛИБ КАШИДЕД, ХУДОВАНД ВА МАСЕҲ ГАРДОНД.
ТАВБА КУНЕД ВА ҲАМААТОН БА НОМИ ИСОИ МАСЕҲ БАРОИ ОМУРЗИШИ ГУНОҲҲО ТАЪМИД ГИРЕД.
ВА АТОИ РӮҲУЛҚУДСРО БА ДАСТ МЕОВАРЕД.
АМАЛҲО 2:14-41






АМАЛҲО 2:42-47


АММО ИН ФАҚАТ ИБТИДО БУД...
«РӮЗЕ, ҲАНГОМЕ КИ ПЕТРУС ВА ЮҲАННО АЗ ҲАВЛИИ ИБОДАТГОҲ МЕГУЗАШТАНД, ГАДОЕРО ДИДАНД».
МАН КОР КАРДАН НАМЕТАВОНАМ, ХОҲИШ МЕКУНАМ... МАН БА ПУЛ БАРОИ ХӮРОК ЭҲТИЁҶ ДОРАМ.
НУҚРА Ё ТИЛЛО НАДОРАМ, АММО ОН ЧИ ДОРАМ, БА ТУ МЕДИҲАМ.
БА НОМИ ИСОИ МАСЕҲИ НОСИРӢ – БАРХЕЗ ВА РОҲ РАВ.

АМАЛҲО 3:1-6


МАН... МАН ПОЙҲОЯМРО... ВА КАФИ ПОЙҲОЯМРО...
... ҲИС МЕКУНАМ!
МАН РОҲ РАФТА МЕТАВОНАМ! МАН ҶАСТУХЕЗ КАРДА МЕТАВОНАМ! ЧУН ДАР ДАВРАИ ҶАВОНИИ ХУД!
МАН РОҲ РАФТА МЕТАВОНАМ! МАН РОҲ РАФТА МЕТАВОНАМ! ИН МУЪҶИЗА АСТ! ҚУВВАИ НОМИ ИСОИ МАСЕҲ МАРО ШИФО ДОД!



АМАЛҲО 3:1-10




АМАЛҲО 3:11-26


Ӯ ДИРӮЗ ЛАНГ БУД – МАН ӮРО ДИДА БУДАМ!
МАН ҲАМ... ХУДИ ҲАМИН САҲАРӢ БА Ӯ САДАҚА ДОДА БУДАМ.
МАН ШУНИДАМ, КИ ИН МОҲИГИР ҲАНГОМИ ШИФО ДОДАНИ ИН ШАХС НОМИ ИСОРО БА ЗАБОН ОВАРД.
ИН ҒАЙРИИМКОН АСТ.
ВА АКНУН ИН ДИҚҚАТИ ҲУКУМАТДОРОНРО ҶАЛБ КАРД. ОНҲО ИСОРО БАД МЕДИДАНД, ВА БОЗ БЕШТАР АЗ ОН САБАБ НОРОҲАТ ШУДАНД, КИ РАСУЛОН АЗ НОМИ Ӯ ГАП ЗАДАНРО ДАВОМ МЕДОДАНД.
ӮРО ҲАБС КУНЕД. ҲАМОНЕРО, КИ НАЗДИ ЛАНГ АСТ... Э... СОБИҚ ЛАНГ.
ҲАМРОҲАШРО НИЗ ДАСТГИР КУНЕД! ОНҲО ШАБРО ДАР ЗИНДОН ГУЗАРОНДА МЕТАВОНАНД.
ПАГОҲ ШӮРОИ ПИРОН ДАЪВАТ КАРДА МЕШАВАД.
ЭҲТИМОЛ, ДАР ИН ИСО ЧИЗЕ ҲАСТ.
ҲАР ТАВРЕ КИ БОШАД, ЧАРО ҲУКУМАТДОРОН ӮРО БА САЛИБ КАШИДАНД?
...АММО, ОХИР, Ӯ МАРО ШИФО ДОД.
ПАЙРАВОНИ Ӯ МЕГӮЯНД, КИ Ӯ ҲОЛО ҲАМ ЗИНДА АСТ.
«САРВАРОНИ ДИНӢ НОРОЗӢ БУДАНД. МИҚДОРИ ПАЙРАВОНИ МАСЕҲ ТАҚРИБАН ТО 5000 КАС ЗИЁД ШУД».
«ЧӢ КОР КАРДАНРО НАДОНИСТА, ҲУКУМАТДОРОН ДУ РАСУЛРО БА ЗИНДОН ПАРТОФТАНД».



АМАЛҲО 4:1-4



БА МО ГӮЕД – БА КАДОМ ҚУВВАТ Ё БА КАДОМ НОМ ИН КОРРО КАРДАЕД?
АГАР ИМРӮЗ БАРОИ НЕКИЕ КИ БА МАРДИ НОТАВОНЕ КАРДАЕМ, МОРО ТАФТИШ МЕНАМОЕД, КИ ВАЙ ЧӢ ГУНА ШИФО ЁФТААСТ, ПАС БА ҲАМАИ ШУМО МАЪЛУМ БОД...
КИ ИН ОДАМ БА НОМИ ИСОИ МАСЕҲИ НОСИРӢ ПЕШИ ШУМО ТАНДУРУСТ ИСТОДААСТ.
ШУМО ИСОРО БА САЛИБ КАШИДЕД ВА ХУДО ӮРО АЗ МУРДАГОН БАРХЕЗОНД.
НАҶОТРО БА ТАВРИ ДИГАР СОҲИБ ШУДАН ИМКОН НАДОРАД. ҲЕҶ НОМИ ДИГАРЕ БА ОДАМОН ДОДА НАШУДААСТ, ТО БА ВОСИТАИ ОН НАҶОТ ЁБЕМ.


АМАЛҲО 4:5-12






АМАЛҲО 4:13-22



«ФАРМОНИ КОҲИНОН НАТИҶАИ ДИЛХОҲ НАДОД».
«РАСУЛОН БОЗ БЕШТАР ДУО ГУФТА, ҶӮЁИ ХУДО МЕШУДАНД».
ЭЙ ФАРМОНРАВО, ТУ ОН ХУДО ҲАСТӢ, КИ ОСМОН ВА ЗАМИН ВА БАҲР ВА ҲАР ОН ЧИ ДАР ОНҲОСТ, ОФАРИДАӢ!
ЧАРО ХАЛҚҲО БА ШӮР МЕОЯНД ВА ҚАВМҲО БЕҲУДА ҚАСД МЕКУНАНД?
МИРОН БАР ЗИДДИ ПИСАРИ ҚУДДУСИ ТУ ИСО ҶАМЪ МЕШАВАНД – АММО ОНҲО ТАНҲО ОН ЧИРО, КИ ТУ ПЕШАКӢ МУҚАРРАР КАРДАӢ, БА ҶО ОВАРДАНД.
ВА АКНУН БА ТАҲДИДҲОИ ОНҲО НАЗАР АНДОЗ ВА БА БАНДАГОНИ ХУД АТО КУН, ТО БО ДАЛЕРИИ КОМИЛ СУХАНИ ТУРО БАЁН КУНАНД.
ДАСТИ ХУДРО ДАРОЗ КУН, ТО ШИФО ВА АЛОМАТҲОВУ МУЪҶИЗАҲО БА НОМИ ПИСАРИ ҚУДДУСИ ТУ ИСО РӮЙ ДИҲАНД.
«ВА ПАРВАРДИГОР ҚУВВАИ ХУДРО ЗОҲИР НАМУД».
«ЧУН ДУОЯШОН БА ОХИР РАСИД, ҲУҶРАЕ КИ ДАР ОН ҶАМЪ ШУДА БУДАНД, БА ҶУНБИШ ОМАД».
«ШОГИРДОН БО ДАЛЕРИИ БЕШТАР МАСЕҲИ ЭҲЁШУДАРО ЭЪЛОН МЕКАРДАНД».


«СУХАНОНИ ИСОРО ДАР ЁД НИГОҲ ДОШТА, ОНҲО ҲАҚИҚАТАН БОВАР МЕКАРДАНД, КИ АТО КАРДАН АЗ ГИРИФТАН БЕҲТАР АСТ».
«ҲЕҶ КАСЕ МОЛУ МУЛКИ ХУДРО АЗ ОНИ ХУД НАМЕДОНИСТ».
«ТАЪСИР БА НАЗДИКОНАШОН ҲАЙРАТОВАР БУД».
АГАРЧИ ХУДАШ ОРДИ КАМ ДОШТ, МАН ДИДАМ, КИ Ӯ БА ҲАМСОЯИ БЕМОРАШ КАМЕ ОРД ДОД.
МАРЯМ БА МАН ЯКЕ АЗ БЕҲТАРИН РӮЙМОЛҲОИ ХУДРО ДОД.
«ДАР БАЙНИ ОНҲО МӮҲТОҶОН НАБУДАНД, ВА РАСУЛОН БО ҚУВВАИ БУЗУРГ ГАП МЕЗАДАНД».
ХУДО ИН РӮЗРО ИНТИХОБ НАМУД – БАРОИ ШУМО ИНТИХОБ НАМУД, ТО КИ БА Ӯ РӮ ОВАРЕД!
Ӯ КАЛОМИ ҲАЁТ АСТ!
«ОДАМОН ҲАТТО МОЛУ МУЛКИ ХУДРО ФУРӮХТА, ПУЛРО БА РАСУЛОН ОВАРДА МЕДОДАНД».
«ЯКЕ АЗ ОНҲО ЮСӢ БУД, КИ РАСУЛОН ӮРО БАРНАББО МЕНОМИДАНД, ЗЕРО Ӯ ТАСАЛЛОДИҲАНДАИ БИСЁР КАСОН БУД».
«ТУ ДАР БОРАИ Ӯ ҲАНӮЗ БИСЁР ЧИЗҲОРО МЕШУНАВӢ, ТЕОФИЛУС. Ӯ ТАЙЁР БУД БАРОИ ХУДОВАНД ХИЗМАТ КУНАД».


«АММО ФИРЕБГАРИ ҚАДИМӢ, ШАЙТОН, ТАСЛИМ НАМЕШУД ВА КӮШИШИ ЗИЁДЕ КАРД, ТО ЯК ГУРӮҲИ ХУРДИ МАСЕҲИЁНРО АЗ РОҲ ЗАНАД».
ГӮЙ, КИ МО ХОНАРО ФУРӮХТА, ҲАМИН ҚАДАР ПУЛ БА ДАСТ ОВАРДЕМ.
ОЁ ДИЛПУР ҲАСТӢ? ОДАМОН ДАР ҲАҚҚИ МО НА ОН ТАВРЕ КИ МО САЗОВОРИ ОН ҲАСТЕМ ФИКР ХОҲАНД КАРД.
ИН БОИСИ МУСТАҲКАМ ШУДАНИ МАВҚЕИ МО ДАР ҶАМЪИЯТ МЕГАРДАД. ҲЕҶ КАС АЗ ИН БОХАБАР НАМЕШАВАД.
ЧАРО ИН ГУНА БА ДИЛАТ ШАЙТОН РОҲ ЁФТААСТ, ТО ТУРО ВОДОР НАМОЯД, КИ БА РӮҲУЛҚУДС ДУРӮҒ ГӮӢ?
ТУ ЯК ҚИСМИ ПУЛИ ЗАМИНРО ПИНҲОН КАРДА, ВОНАМУД КАРДӢ, КИ ҲАМАИ ПУЛРО БАРОИ ХУДО ДОДӢ.
ЗАМИН ПЕШ АЗ ФУРӮХТАН АЗ ТУ БУД. ВА ПАС АЗ ФУРӮХТАНИ ЗАМИН, ПУЛ ДАР ИХТИЁРИ ТУ БУД.
ТУ НА БА ОДАМОН – БА ХУДО ДУРӮҒ ГУФТӢ.
«ҲАМИН КИ ҲАНОНИЁ ИН СУХАНОНРО ШУНИД, БА ЗАМИН АФТОД ВА ҶОН ДОД».
«ҶАВОНОН БАРХЕСТА, ӮРО БУРДА, БА ХОК СУПУРДАНД».


«ПАС АЗ СЕ СОАТ ҲАМСАРАШ САФИРА ОМАД».
САФИРА, БА МАН ГӮЙ, КИ ОЁ ТУ ВА ШАВҲАРАТ ЗАМИНРО БА ҲАМИН МАБЛАҒ ФУРӮХТЕД?
ОРЕ, БА ҲАМИН МАБЛАҒ.
ЧАРО ҲАР ДУ ЗАБОН ЯК КАРДЕД, КИ РӮҲИ ХУДОВАНДРО ОЗМОЕД?
НИГАР! ИНАК, ОНҲОЕ КИ ШАВҲАРАТРО ГӮРОНДАНД, АЗ ДАР МЕДАРОЯНД.
ВА ОНҲО ТУРО НИЗ МЕБАРАНД.
ӮРО НАЗДИ ШАВҲАРАШ ДАФН КУНЕД.
«ҲАНГОМЕ КИ ОВОЗАИ ИН ДАР ҲАМА ҶО ПАҲН ШУД, ТАМОМИ ҶАМОАТ ВА ҲАР КАСЕРО, КИ ИНРО ШУНИД, ТАРСИ БУЗУРГЕ ФАРО ГИРИФТ».




АМАЛҲО 5:12-16






АМАЛҲО 5:17-20


ЧӢ… ҲОЗИР ЧӢ РӮЙ ДОД?
ИН ЧӢ ГУНА БУДА МЕТАВОНАД? ПОСБОНОН ҲЕҶ КАСИ ДАРОМАДА Ё БАРОМАДАРО НАДИДААНД.
МО НОТАВОНЕМ.
ҲАМА ЧИЗ МАҲКАМ БУД, ВА ПОСБОНОН НАЗДИ ДАР ИСТОДА БУДАНД.
НИГАРЕД! ОДАМОН…
… ОДАМОНЕ КИ ШУМО БА ЗИНДОН АНДОХТА БУДЕД, ДАР ИБОДАТГОҲ ИСТОДА, МАРДУМРО ТАЪЛИМ МЕДИҲАНД.
ИН ҒАЙРИИМКОН АСТ…
АГАР ЧУНИН БОШАД – ОНҲОРО ҲАБС КУНЕД. ХУДИ ҲОЗИР.
ДАР АСОСИ ЧӢ ОНҲОРО ҲАБС МЕКУНЕД?
ОНҲО ҲЕҶ ҶИНОЯТЕ СОДИР НАКАРДААНД!
ИЛТИМОС, БО МО БИЁЕД – ШӮРОИ ПИРОН МЕХОҲАД, КИ ШУМО НАЗДИ ОНҲО ҲОЗИР ШАВЕД.






АМАЛҲО 5:27-33




АМАЛҲО 5:33-39






АМАЛҲО 5:40-42


«ИСТЕФАНУС НОМ ШАХСЕ БУД».
«БО МУРУРИ ВУСЪАТ ЁФТАНИ ҲАРАКАТ, РАСУЛОН ФАҲМИДАНД, КИ НАБОЯД ВАҚТРО БО ХИЗМАТИ МИЗБОНӢ ГУЗАРОНАНД, БАЛКИ БО ДУО ВА ХИЗМАТИ КАЛОМИ ХУДО МАШҒУЛ ШАВАНД».
«ИСТЕФАНУС ПУР АЗ РӮҲУЛҚУДС ВА ИМОН БУД».
«Ӯ ВА БОЗ ҲАФТ НАФАР БАРОИ ОН ИНТИХОБ ШУДАНД, КИ ДАР ХУСУСИ ТАҚСИМОТИ ХӮРОК БА БЕВАЗАНОН ВА МӮҲТОҶОН ҒАМХОРӢ КУНАНД».
«ИН ҚАРОРИ ОҚИЛОНА БУД, КИ БА ҶАМОАТ ИМКОН ДОД БОЗ ҲАМ АФЗУНТАР ШАВАД».
МАН ДИДА МЕТАВОНАМ! МАН ДИДА МЕТАВОНАМ!
ИСО ТУРО ШИФО ДОД – ИСОИ МАСЕҲ АЗ НОСИРА.
«ХУДО БО ИСТЕФАНУС БУД – Ӯ ПУР АЗ ФАЙЗ ВА ҚУВВАТИ ИЛОҲӢ БУД. Ӯ ДАР БАЙНИ ХАЛҚ АЛОМАТҲОВУ МУЪҶИЗАҲО БА АМАЛ МЕОВАРД».
«АММО ПАС АЗ БАҲСҲО БО ЯҲУДИЁНИ ДИГАР КУНИШТҲО Ӯ ДАСТГИР ШУДА, БО ТӮҲМАТЕ БА ШӮРОИ ПИРОН ОВАРДА ШУД».
«АММО ҲАМЧУНИН, ЭЙ ТЕОФИЛУС, ҚИССАИ ШОУЛИ ТАРСУСӢ НИЗ АЗ ҲАМИН ҶО САР МЕШАВАД...»

АМАЛҲО 6:1-15


«БИСЁРЕ АЗ КОҲИНОНИ ИБОДАТХОНА БА ИНҶИЛ – Ё БА ХУШХАБАР ДАР БОРАИ ИСО БОВАР КАРДАНД!»
«АКНУН МАСЕҲРО АЗ ТАМОМИ ЗАМОНИ ҲАЁТИ ЗАМИНИИ Ӯ БЕШТАР ОДАМОН ПАЙРАВӢ МЕКАРДАНД!»
«АЪЗОЁНИ ШӮРОИ ПИРОН ХАВОТИР ШУДА, ҶАМЪ ОМАДАНД, ТО БА ҚАРОРЕ ОЯНД, КИ ЧӢ БОЯД КАРД».
«САРКОҲИН ҶАВОНИ ПУРХАШМЕРО ДАЪВАТ НАМУД, КИ БО ГУЗАШТИ АЙЁМ, БО ВУҶУДИ ҲАМАИ ВАЗЪИЯТҲО, ҲАМОН РАСУЛ ГАРДИД».
МО БА ЛАҲЗАИ БӮҲРОНӢ РАСИДЕМ!
ҲАБСҲО БА ЛАТУ КӮБИ РАСУЛОНИ НОМНИҲОД, ПЕТРУС ВА ЮҲАННО, НАТИҶАЕ НАДОДАНД.
БАР ХИЛОФИ ОГОҲИҲОИ МО, ОНҲО МАВЪИЗАИ БИДЪАТИ ХУДРО ДАВОМ ДОДА ИСТОДААНД!
ОНҲО ГУФТАНД: «МО НА БА ОДАМОН, БАЛКИ БА ХУДО ИТОАТ МЕКУНЕМ!»
ОНҲО ЧУНОН РАФТОР МЕКУНАНД, КИ ГӮЁ МО ДУШМАНОНИ ХУДО БОШЕМ!
ОНҲО ЭЪТИБОРНОКИИ МОРО ДАР НАЗДИ МАРДУМ РАД МЕКУНАНД!
БӮҲРОН ҲАР РӮЗ ТОРАФТ АФЗУДА ИСТОДААСТ. МАН ШОУЛИ ТАРСУСИРО САРДОРИ ПОСБОНОНИ ИБОДАТХОНА ТАЪЙИН НАМУДАМ ВА ДАЪВАТ КАРДАМ, КИ ДАР НАЗДИ ШӮРО СУХАН ГӮЯД.
ПИРОНИ МУҲТАРАМ, ПИСАРОНИ ИБРОҲИМ!
УРШАЛИМ АЗ ПАЙРАВОНИ ИСО, МАСЕҲИ ДУРӮҒИН, СИРОЯТ ЁФТААСТ.
ОНҲО БА КУНИШТҲО ВА ХОНАҲОИ МО ДАРОМАДА, АҚЛҲОИ ХАЛҚИ МОРО ФОСИД МЕКУНАНД.
АҚЛҲОРО ФОСИД МЕКУНАНД?


НАВИШТАРО КУШОДА ВА ДАР БОРАИ ҚУРБОНИИ КАФОРАТКУНАНДАИ МАСЕҲ ГАП ЗАДА?
НЕ, НИКӮДИМУС!
ОНҲО МЕГӮЯНД, КИ ОН ДУРЕДГАРИ ҶАЛИЛӢ, КИ КУШТА ШУД – ИНТИХОБШУДАИ ХУДОСТ!
ШАХСЕ КИ ЧУН ҲАЙВОНИ НОТАВОН ХОМӮШ БУД ВА АЗ ДАСТИ СИТАМГАРОНИ РУМӢ МАҒЛУБ ШУД!
МАГАР Ӯ МАҒЛУБ ШУД?
Ё ХУДРО БА МАРГ ДОД – ЧУНОН КИ ИШАЪЁ ПЕШГӮЙ КАРДА БУД – БАРОИ ГУНОҲҲОИ ОДАМОН?
ОЁ ТУ ШОГИРДИ ОН ДУРЕДГАР ШУДАЙ, НИКӮДИМУС?
ШОУЛ, НИКӮДИМУС УЗВИ ШӮРОИ ПИРОН АСТ. БА Ӯ БО ЭҲТИРОМ МУРОҶИАТ НАМО!
МАН ҲИССИЁТИ ШОУЛИ ҶАВОНРО МЕФАҲМАМ. ЗАМОНЕ ХУДАМ ҲАМИН ТАВР АНДЕШАРОНӢ МЕКАРДАМ.
ИБЛИС БА МАСЕҲОНИ ДУРӮҒИН МУСОИДАТ МЕКУНАД, ҲАМИН ТАВР НЕ?
ШОУЛИ ТАРСУСӢ, МЕТАРСАМ, КИ ҲАТТО АГАР МАСЕҲИ ИСРОИЛ ТОҶИ ДОВУДРО БАР САР МЕДОШТ ВА ТУРО БО АСОИ МУСО ЗАРБА МЕЗАД, ТУ ӮРО НАМЕШИНОХТӢ!
АЪЗОЁНИ ШӮРОИ ПИРОН!
НИКӮДИМУС ТАЪЛИМОТИ ИН КУФРГӮЙРО ҶОНИБДОРӢ КАРДА ИСТОДААСТ, ВА ШУМО ҲЕҶ АКСУЛАМАЛ НАМЕКУНЕД?


УСТОД ҶАМЛИИЛ, НАБЕРАИ МУҲТАРАМИ ҲИЛЛЕЛИ БУЗУРГ.
МАН ПАНҶ СОЛ НАЗДИ ШУМО ТАҲСИЛ КАРДАМ.
ШУМО БА МАН ТАЪЛИМ ДОДЕД, КИ ТАВРОТ – РОҲ, РОСТӢ ВА ҲАЁТ АСТ.
АММО ҲАР ДУИ МО ШУНИДЕМ, КИ ИН ҶАЛИЛӢ ЧӢ ГУФТ: «МАН РОҲ, РОСТӢ ВА ҲАЁТ ҲАСТАМ; ҲЕҶ КАС НАЗДИ ПАДАР ОМАДАН НАМЕТАВОНАД, МАГАР ИН КИ БА ВОСИТАИ МАН».
Ӯ БО АРАҚ ВА ХУНИ ХУД ОҒУШТА ШУДА МУРД. МАГАР ДАР ТАВРОТ ГУФТА НАШУДААСТ, КИ ЛАЪНАТӢ БОД ҲАР КӢ БА ДОР ОВЕХТА ШУДААСТ»?
БИСЁР КАСОН, ҲАТТО БАЪЗЕ САРВАРОНАМОН МОРО ТАРК КАРДА, ОН МУРДАРО ПАЙРАВӢ МЕКУНАНД!
АММО АГАР ИН ИСО... ЗИНДА ШУДА БОШАД ЧӢ?
ОЁ ҲАМИН ТАВР МО БА ЭҲЁ БОВАРӢ ДОШТАНАМОНРО ЭЪТИРОФ МЕКУНЕМ, ҲОЛ ОН КИ ФИКР МЕКУНЕМ, КИ ҲЕҶ КАС АЗ МУРДАҲО ЗИНДА ШУДА НАМЕТАВОНАД?
ЭҲЕ! БОЗ ГӮЙ, КИ Ӯ ҲЕҶ ГОҲ НАМУРДА БУД.
ПАС КУҶОСТ Ӯ? БО ҶАСАДИ Ӯ ЧӢ ШУД?
ШОГИРДОНАШ ОНРО ДУЗДИДАНД!
ТУ ГУМОН МЕКУНӢ, КИ ОН ТАРСУҲОИ НОТАВОН БАР ПОСБОНОНИ МУСАЛЛАҲИ РУМӢ ДАСТБОЛО ШУДА, САНГРО БАРКАНОР КАРДААНД?
ПОСБОНОНИ ИБОДАТГОҲ ХОНАҲО ВА МУЛКҲОИ ШОГИРДОНРО ТАФТИШ КАРДАНД. ҲЕҶ ҶАСАД ЁФТ НАШУД!
КИФОЯ АСТ! ДИГАР ИНРО ШУНИДАН НАМЕХОҲАМ!


ДУРЕДГАР АЗ НОСИРА КУФРГӮЙ БУД!
«КУФРГӮЕ», КИ ЯК МОҲ ПАС АЗ ОН КИ МО МАРГИ ӮРО ДИДЕМ, БА СЕ НАФАРИ МО ВА БА 500 КАСИ ДИГАР ШАХСАН ЗОҲИР ШУД!
ТУРО ОГОҲ МЕКУНАМ, КИ АГАР ИН ТАЪЛИМОТРО, КИ ПАЙРАВОНАШ БАШОРАТИ ФАЙЗ МЕНОМАНД, БАРҲАМ НАЗАНЕМ, ИН БАРОИ МО ВА ТАРЗИ ЗИНДАГИИ МО ХАРОБИОВАР ХОҲАД БУД!
МО БОЯД ХАЛҚИ ХУДРО БОЗ БА РИОЯИ ШАРИАТИ МУСО, КИ ЯГОНА УМЕД БА НАҶОТ АСТ, ДАЪВАТ НАМОЕМ!
ШОЯД ЯГОНА УМЕДИ НАҶОТИ ОНҲО ХУДО БОШАД?
ХУДО, КИ ШОЯД ПИСАРИ ХУДРО ФИРИСТОД, ТО БАРРАИ ҚУРБОНӢ БАРОИ ГУНОҲҲОИ ҶАҲОН ШАВАД?
ИН КУФРГӮИҲОРО...
... БАС КУН!
ШОУЛ! КАДОМ ҚИСМИ ШАРИАТИ МУСО БА ТУ ИҶОЗАТ МЕДИҲАД, КИ БА ПИРОН ЧУНИН БЕҲУРМАТӢ КУНӢ?


УСТОД ҶАМЛИИЛ, МАН... ШУМОРО РАНҶОНДАН НАМЕХОСТАМ.
ТУ БОЯД НА ДАР БОРАИ ОН ТАШВИШ КАШӢ, КИ МАРО РАНҶОНДӢ.
ХУДО, ДОВАРИ ҲАМАИ ОДАМОН, ОИД БА НАФРАТ ДАР ДИЛИ ТУ ЧӢ ФИКР МЕКУНАД?
МАГАР БА МАН ТАЪЛИМ НАДОДАЕД, КИ МО БОЯД ТАВРОТРО ҶОНИБДОРӢ КУНЕМ ВА ҲАҚИҚАТИ ОНРО БЕШ АЗ ҲАР ЧИЗИ ДИГАР ҲИФЗ НАМОЕМ?
ОЁ МУМКИН АСТ БА ТУ АЗ НАВИШТАИ ПАЙҒАМБАРОН ЧИЗЕРО ХОНАМ?
ИШАЪЁ ДАР БОРАИ МАСЕҲ ЧУНИН МЕГӮЯД:
«Ӯ АЗ ҶИНОЯТҲОИ МО МАҶРӮҲ, ВА АЗ ГУНОҲҲОИ МО АФСУРДАХОТИР ШУДААСТ... БА ВОСИТАИ ҶАРОҲАТҲОИ Ӯ МО ШИФО ЁФТАЕМ».
«МОНАНДИ ГӮСФАНДЕ ӮРО БА КУШТАН БУРДАНД... Ӯ ДАҲОНИ ХУДРО ВОЗ НАКАРД».
«БАРОИ ГУНОҲҲОИ ҚАВМИ МАН КУШТА ШУД».
МАГАР НА ТУ ГУФТӢ, КИ ИСО БАР САЛИБ ЧУН ҲАЙВОНИ КУШТАШУДА ХОМӮШ БУД?
ВА РУМИЁН ӮРО МАҶРӮҲ КАРДАНД?
ЧӢ МЕШАВАД, АГАР Ӯ МАҲЗ ҲАМОН КАСЕ БОШАД, КИ МУВОФИҚИ ПЕШГӮИИ ИШАЪЁ, БАРОИ ГУНОҲҲОИ ХАЛҚИ ХУДО МЕМУРАД?
ОЁ Ӯ МАСЕҲ АСТ? Ё... НЕСТ?
МАН МЕГӮЯМ... МО БОЯД ИНТИЗОР ШАВЕМ ВА МУШОҲИДА КУНЕМ.
ОДАМОНЕ, КИ БАРДУРӮҒ МЕГӮЯНД, КИ БО ХУДООДАМИ ЗИНДАШУДА ХӮРОК ХӮРДААНД, ДАР РӮ БА РӮИ АЗОБҲОЕ КИ ЭҲТИМОЛ ОНҲОРО ИНТИЗОРАНД, ДАР ГУФТАНИ ЧУНИН ДУРӮҒ ИСРОР НАМЕКУНАНД.
АММО АГАР Ӯ МАСЕҲИ ВАЪДАШУДА БОШАД, МО КИСТЕМ, КИ БА НАҚШАҲОИ ХУДО ЗИДДИЯТ КУНЕМ?
МО ӮРО ҲАБС КАРДЕМ!



ИШАЪЁ 53:5, 7-8

"THE BIBLE EXPLAINED IN EVERY LANGUAGE."



**SUPERBIBLE.TV**